**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои таърих, профессор
Ибодуллозода Аҳмиддин Ибодулло
___________________________
«____»____________соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ - педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисосӣ** 19.00.07 - **Психологияи педагогӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.** Қайд намудан бамаврид аст, ки сохтор, муҳтаво, ҳаҷм ва мазмуну мундариҷаи кори диссертатсионии таҳлилу таҳқиқшудаи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ ба шиносномаи тахассуси 19.00.07 - Психологияи педагогӣ, ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

Банди 1. Психологияи хонандагон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (томактабӣ, мактабӣ, донишгоҳӣ), рушди шахсӣ ва психологии он.

Банди 6. Психологияи фаъолияти омӯзгорӣ, қонунҳои психологӣ, омилҳо ва шароитҳои барқароршавию рушди он, хусусиятҳои касбӣ-психологии омӯзгорон (қобилият, салоҳият, тарз). Психологияи назорати омӯзгорӣ (ташхиси психологии омӯзгорӣ).

Банди 7. Шароитҳои психологии самаранокии таъсиррасонии педагогӣ.

Банди 8. Раванди таълим ҳамчун ягонагии таълим ва тарбия. Қонуниятҳо, механизмҳо, хусусиятҳо ва шароитҳои психологии самаранокии раванди тарбия мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти таҳқиқот** дастгирии психологӣ - педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маорифро дар бар мегирад. Солҳои охир, дар ҷаҳон тағйироти ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омада истодааст, ки ба дилхоҳ соҳа нақши худро мерасонад ва муноисбатҳои оилавӣ низ аз он истисно буда наметавонад. Афзоиши шумораи донишҷӯён ва берун рафтани ҷавонон аз низоми анъанавии оиладорӣ муносибати навро нисбати ба роҳ мондани ёрӣ ва дастгириҳои педагогию психологӣ инчунин иҷтимоӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро тақозо мекунад, ки дар навбати худ далолаткунандаи зарурати ёрии мунтазами педагогӣ ва психологӣ ба шумор меравад.

Чуноне унвонҷӯ қайд мекунад, ҳаёти донишҷӯӣ дар худ як давраи тағйироти назаррас ва мутобиқшавиро дар бар мегирад ва дар ин давра ҷавонон бо мушкилоти нав, аз қабили мустақилият, зарурати худташкилкунӣ ва идоракунии вақт рӯ ба рӯ мешаванд. Дастгирии психологӣ ва ҷалби оилаҳо дар ин раванд метавонад ба мутобиқшавии донишҷӯён мусоидат кунад, сипас ба муваффақияти таълимӣ ва сатҳи некӯаҳволии онҳо, устувор нигоҳ доштани оилаи солим, таъсир расонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала хусусан дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба таври мукаммал омӯхта нашудааст. Таҳқиқи маъалаи мазкур боиси кушодани ҷанбаҳои нав ҳам барои ҷомеаи илмӣ ва ҳам кормандони амалии соҳаи маориф, сотсиологон, психологон мегардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки

- дар мураттаб ва ҳалли масъалаи асосноккунии илмӣ, ташкил ва мазмуни дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар

муҳити донишгоҳ мебошад, ки мутобиқи он хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоию психологӣ ва мушкилоти оилаи донишҷӯён муайян ва ҳалли худро пайдо мекунанд;

- таҳияи модели (амсилаи) ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла муассисаҳои расмии идоракунӣ, худидоракунӣ, муассисаҳои ёрирасон ва муайян намудани шартҳои татбиқи он;

- муайян намудани шаклу самтҳои самарабахши ёрии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён, аз ҷумла кори маҳфили оилавӣ, ки ба ташхис, машварат, тарбияи оилаҳои донишҷӯён ва ғайра нигаронида шудааст;

- корҳои санҷишиву озмоишӣ гузаронида шуда, аз онҳо натиҷагирӣ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар:**

а) асосноккунии илмии зарурат ва истифодаи анъанаҳои оилавӣ дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, имконият ва аҳамияти онҳо;

б) ошкор намудани нақши анъана ва урфу одатҳои оилавӣ дар тайёрии ҷавонон ба хайёти оилавӣ;

в) муаяйн ва ошкор намудани мафҳум ва мундариҷаи анъанаҳои оилавии тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ;

г) ошкор намудани алоқаи зичи анъанаҳои мардумӣ, оилавӣ ва давлатӣ барои рушди минбаъдаи давлат;

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо омӯзишу таҳкими анъанаҳои оилавӣ барои тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами оилаи тоҷикӣ ҳангоми омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақил, бо пешниҳод кардани фарзияҳо, тавсияҳои илмӣ дар асоси анъана ва урфу одатҳои оилавӣ, муайян карда мешавад. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби падару модарон, муррабиён, омӯзгорон, донишҷӯён, кумитаҳои

кор бо занон ва оила, кумитаҳои кор бо ҷавонон, донишкадаҳои оила ва оиладорӣ, инчунин дар навиштани корҳои илмӣ, дипломӣ, реферат ва корҳои курсӣ истифода шаванд. Дар баробари ин хулосаҳои бадастомадаро метавон дар донишомӯзии хонандагони макотиби миёна, донишгоҳ, коллеҷу литсейҳо, дар донишомӯзии падару модарон оид ба масъалаҳои тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос, донишҷуён ва аспирантон ва дигар кормандони илм, ки ба ин мавзуъ эҳтиёҷ доранд, истифода бурд.

**Саҳеҳӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот**. Дар раванди тадқиқот ҳаҷми маводи таҳлилгардида, бо гуногунрангии сарчашмаҳои иттилоотӣ, тарзҳо ва расму қоидаҳои тадқиқотӣ, истифодабарии маҷмуи методҳо муайян карда мешаванд; хусусиятҳои методологӣ, давомнокӣ ва имконотҳои такроркунонии корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, таҳлили оморӣ ва сифатии маълумотҳои дар натиҷаи корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ гирифташуда ва барои беҳтар кардани омодабошии педагогҳои оянда ба фаъолияти иҷтимоӣ – педагогӣ, тасдиқ карда мешаванд. Ҳамчунин саҳеҳии натиҷаҳои тадқиқот бо истифодабарии маҷмуи усулҳои ҳамдигарро комилкунандаи илмӣ ва озмоишӣ, баррасии масъалаҳои ба предмет, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқаткунанда, таҳлили муфассали маълумотҳои гирифташуда, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот, дар амалия ҷорӣ намудани тавсияҳои методии коркардшудаи муаллиф ва барномаи омодабошии педагогҳои оянда барои дастгирии иҷтимоӣ - педагогии оилаҳои ҷавон, таъмин карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмета таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳдил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи

довталаб махсуб ёфта, дар заминаи таҳқиқи роҳнамоии оилаҳои донишҷӯён дар шароити МТОК ошкор карда шудаанд. Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо чопшуда, инчунин дар як қатор маърузаҳои аз ҷониби муаллиф дар шакли баромадҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар семинару ҷаласаҳои донишгоҳӣ ва гузоришҳову тезисҳои конфронсҳои минтақавиву байналхалқӣ ироа гардида, инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ дар диссертатсия ва автореферат кори таҳқиқотӣ ва интишороти унвонҷӯ инъикос ёфтааст. Унвонҷӯ дар натиҷаи корбарии мақсаднок ба хулосаҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 7 зербоб, 17 диаграмма, 3 ҷадвал, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.Диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифа ва автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) тибқи талаботи «Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат» ва банди 54 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, таҳия ва ба тартиб даровардa шудааст.

Дар қисмати **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои илмии таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи

диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия “**Асосҳои назариявӣ ва методологии муаммоҳои роҳнамоии педагогӣ-психологии оилаи донишҷӯён»** номгузорӣ карда шуда, аз 3 зербоб иборат аст.

Дар фасли якуми боби якум **“Таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ роҷеъ ба оилаҳои донишҷӯён дар адабиёти психологию педагогӣ”** баррасӣ карда шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон, оила барои такомули шахсият ҳамчун муҳит ба ҳисоб рафта, дар системаи фаъолияти иҷтимоӣ низоми мураккабро ташкил медиҳад. Афзалиятҳои оилабарпокунӣ дар муҳити донишгоҳӣ аз як тараф бошад, аз ҷониби дигар оиладорӣ дар ин муҳит мушкилот низ дорад, ки дар умум онро чунин муайян кардаанд: мушиклоти молиявӣ, мушиклоти тиббӣ, мушкилоти психологӣ.

Дар фасли дуюми боби якум доир ба **“Муҳити иҷтимоию фарҳангии муассисаи таълимӣ ҳамчун роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён”** маълумот дода шудааст.

Дар ин зерфасл унвонҷӯ муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, қабл аз ҳама тавассути таҳқиқи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқаи таърихии онҳоро баррасӣ намудааст. Мавсуф қайд менамояд, ки муҳити психологӣ гуфта он муҳитеро меноманд, ки дар он маҷмӯи омилҳо ба ҳолатҳои психикӣ, эмотсияҳо, ҳисситҳо, рафтор ва муносибати байниҳамии одамон дар муҳити муайяни иҷтимоию фарҳангӣ, таъсир мерасонад. Таъсирарсонӣ дар муҳити иҷтимоиву психологӣ ба чунин омилҳо вобаста аст: омилҳои иҷтимоӣ, омилҳои эмотсионалӣ, омилҳои шахсӣ.

Дар фасли сеюми боби якум **“Роҳёфтҳои педагогӣ ҷиҳати омӯзиши моҳият ва ташкили роҳнамоии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”** ҷанбаъҳо ва хусусиятҳои психологию педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар асоси таснифи намудҳои оила мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Унвонҷӯ мегуяд, ки дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён ба ҳисоб гирифтани ҷанбаҳо ва хусусиятҳои зерин муҳим аст, зеро онҳо асоси пойдории оила ва барои минбаъд усутвор нигоҳ доштани он мусоидат мекунанд. Ҷанбаъҳо ва хусусиятҳои оилаҳои ҷавонро чунин тасниф ва баррасӣ кардан мумкин аст: некуаҳволии эмотсионалӣ; дастгирии эмотсионалӣ; муносибати байниҳамдигарӣ ва муошират; дастгирии иҷтимоӣ; сифатҳои шахсии ҳамсарон; мутобиқати психологӣ; банақшагирии оила.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳқиқи эмпирикии муайян кардани моҳият ва зарурияти дастгириҳои психологию педагогӣ ба оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаи таълимӣ»** номгузорӣ шудааст.

Дар фасли якуми боби дуюм **"Асосҳои ташкили дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ"** мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Баррасӣ ва таҳияи барномаи дастгириҳои психологию педагогӣ ва иҷтимоии аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ пешбинигардида, ки дар худ мақсад ва вазифаҳову самтҳои асосии татбиқи онро инъикос мекунад, масъалаи меҳвариро ташкил медиҳад. Мақсади асосии дастгирии психологию педагогӣ фароҳам овардани шароити муосиди психологию педагогӣ ва ҳамзамон, шароити иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад.

Дар фасли дуюми боби дуюм масъалаи **"Тавсифи методҳои тадқиқотӣ ва гурӯҳбандии тадқиқот. Тавсифи методҳо"** баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки дар тадқиқоти ҳам соҳаи психология ва ҳам педагогика, ҳамзамон, дар тадҳқиқоте, ки тест ва методикаҳои касбии психологӣ истифода мегарданд.

Дар фасли сеюми боби дуюм **«Таҳлили натиҷаҳои аз таҳқиқот бадаст- омада бо назардошти амсилаи барномаи роҳнамоии педагогӣ - психологии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таълимӣ»** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ба ақидаи унвонҷӯ давраи мусоид дар психологияи синнусолӣ даврае номида мешавад, ки хусусиятҳои психологии шахс ва дараҷаи инкишофи зеҳнии шахс, барои барпо намудани оила ва кӯшиши худро ҳамчун шавҳар ва мардонавор худро мустақилона зоҳир намудан, имкони заруриро дода метавонад. Дар ин қисмат, маълумоти муфассал дар бораи шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷамъоворӣ гардида, дар ин хусус чунин методҳои касбии соҳаи психологияи педагогӣ мавриди истифодаи амал қарор дода шудааст.

Дар фасли чоруми боби дуюм масъалаи **«Ташкил ва таъмини дастгириҳои психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён бо назардошти анъанаҳои миллӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”** баррасӣ гардидааст. Барои тасдиқи самаранок ва мувофиқи мақсад будани амсилаи омоданамудаи диссертант таҳқиқот гузаронида шуд ва дар асоси таҳлили натиҷаҳои аз тадҳқиқот бадастомада амсила пешниҳод намудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ-методӣ, психологӣ, педагоги, тахдилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Абдулоева М.М. боэътимод ва боварибахшанд. Аз гузориши унвонҷӯ маълум гардид, ки ӯ дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таққиқот аст.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферат он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои бартараф кардани камбудиҳо ва такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки барои бисер такрор нашудани баъзе калимаҳо аз ҳаммаънои мувофиқаш истифода менамуд.

2. Дар матни диссертатсия ва фишурдаи он муҳаққиқ тавсияҳои методиро барои психологону педагогҳо ва махсусан барои шахсони ба кумаки психологи эҳтиёҷдошта васеътар пешниҳод мекард, боиси пурмуҳтаво гаштани рисолаи илмӣ мегардид.

3. Дар диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои китобат ва имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Хулоса, диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисосӣ 19.00.07 – психологияи педагогӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.07.- Психологияи педагогӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда, бо иштироки довталаб Абдуллоева Мехринисо Менгуловна дар ҷаласаи васеи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» бо иштироки садорати факултети психология, мудирон, аъзоён ва унвонҷӯёни кафедраҳои факултет дар санаи 27.06.2025 доир карда шуда, тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ин ҷаласа муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (Протоколи №14 аз 27.06.2025).

Дар ҷаласа 12 - нафар аъзоёни кафедраҳо иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин аст: тарафдор - 12 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.

Раиси ҷаласа:
номзадӣ илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи умумидонишгоҳии психологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Олимов Т. Ш.

Эксперт: номзади илмҳои психологӣ, муаллими
калони кафедраи умумидонишгоҳии
психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қурбонов Н. Х.

Котиби илмии ҷаласа: Эмомназарова М. А.

Имзоҳои Олимов Т. Ш., Қурбонов Н. Х. ва М. Эмомназароваро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ______________ Мустафозода А.

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121;
тел.:+992000055552
«30» 06 соли 2025